Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Абдуллоҷони Ҳамрохон дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Қобили қайд аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солона ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 қайд намуданд, ки “Таъмин намудани рушди соҳаи варзиш яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат буда, ҳадафи он оммавигардонии варзиш, таҳкими тарзи ҳаёти солим, мусоидат намудан ба омодасозии варзишгарони касбии тоҷик барои иштирок дар мусобиқаҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мебошад”.

Дар раванди ташаккули муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 июни соли 2011, №278, “Барномаи давлатии рушди ТҶ ва варзиш дар ҶТ барои солҳои 2011–2015”, «Барномаи давлатии рушди ТҶ ва варзиш дар ҶТ барои солҳои 2017-2021», аз тарафи Маҷлиси Олии ҶТ қабул намудани Қонуни ҶТ «Дар бораи ТҶ ва варзиш», Фармонҳои Президенти ҶТ «Дар бораи гузаронидани Спартакиадаҳо», «Рӯзи дави миллӣ» ва инчунин, гузаронидани федератсияҳои алоҳида ва иншооти варзишии ҷумҳурӣ ба услуби кори худмаблағгузорӣ, тибқи талаботи иқтисодиёти бозоргонӣ мусоидат намуданд. Инчунин, бо супориши Ҳукумати ҶТ «Консепсияи мактаби миллӣ» (2000) бо таҳрири нав «Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ» (2006) таҳия ва тасдиқ гардидаанд.

Муҳим ва мубрамии таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллоҷони Ҳамрохон дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ҳар ҳамин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар амри иҷрои консепсияву

барномаҳои давлатии болозикр саҳми муносибу шоён гузорад. Зеро мақсади таҳқиқоти мазкур таҳияи механизми самараноки таълиму тарбияи ҷасмонӣ ва омодагии дифои харбӣ ҷиҳати болобарии сатҳи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллоҷони Ҳамрохон дар он зуҳур меёбад, ки:

- муҳимтарин самтҳои асосии таълим ва тарбияи ҷисмонии насли наврас дар ҷомеаи имрӯза бо баҳисобгирии андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ муайян карда шуданд;

- нақши омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккули тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва механизми ташкили тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии хонандагон муайян карда шуд;

- афкори муайяни педагогии олимон оид ба тарбияи худогоҳии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон омӯхта шуда, роҳу усулҳо ва методикаи тайёр кардани насли оянда дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар шароити муосир муайян карда шуд;

- самтҳои асосии фаъолияти муштараки омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ бо хурдсолон ва калонсолон дар раванди таълим муайян карда шудаанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот дар он аст, ки он ба таълимоти илмӣ, методӣ ва универсалӣ, инчунин ба муқаррароти фалсафӣ-педагогӣ асос ефтааст. Ин раванд таҳқиқи робита ва падидаҳои иҷтимоӣ, синтези назария ва амалия ва баррасии мушаххаси таҷрибаи таърихии инсониятро барои фаҳмиши амиқи вазифаҳои муҳими замони муосир ҳангоми таҳияи таҳқиқот дар бар мегирад.

Дар ҷанбаи назариявӣ, натиҷаҳои бадастомада метавонанд ба рушди назарияҳои мавҷуда саҳм гузоранд, ғояҳоро дар бораи мушкилоти баррасишаванда равшан ё васеъ кунанд. Ин метавонад дар ташаккули консепсияҳои нав, эҷоди типологияҳо, таҳияи амсилаҳое, ки ба тасвир ва пешгӯии равандҳои иҷтимоӣ имкон медиҳанд, ифода ёбад. Илова бар ин, аҳамияти назариявӣ дар имконияти истифодаи равишҳои методологии

таҳияшуда барои омӯзиши мушкилоти шабеҳ дар дигар соҳаҳои дониш зоҳир мешавад.

Дар амал, таҳқиқот ба ҳалли масъалаҳои мушаххасе, ки дар назди ҷомеа, ташкилот ё шахсони алоҳида қарор доранд, равона карда шудааст. Натиҷаҳои тадқиқот метавонанд барои таҳияи дастурҳои амалӣ, ки ба беҳтар кардани қарорҳои идоракунӣ, муносибсозии равандҳо, баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва ҳалли мушкилоти ичтимоӣ нигаронида шудаанд, асос бошанд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллоҷони Ҳамрохон арзиши дуҷониба дорад: аз як тараф, он дониши назариявиро ғанӣ мегардонад ва аз тарафи дигар воситаҳоеро барои татбиқи амалии ин дониш дар соҳаҳои гуногуни фаъолият таъмин менамояд. Он ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ муносибати ҳамаҷонибаро ба ҳалли масъалаҳои мубрам таъмин мекунад ва ба пешрафти илм ва ҷомеа мусоидат мекунад.

Натиҷаи кори илмӣ-таҳқиқотӣ, ҳамчунин, метавонад, барои тайёр намудани хонандагони МТМУ дар руҳияи тарзи ҳаёти солим ва тайёр будан ба хизмати Модар-Ватан, халқу миллати хеш ва дигар халқияту миллатҳои маскуни Тоҷикистон заминаи воқеӣ гузошта, барои дар руҳияи ватандӯстиву дифои Ватан тарбия гардидани хонандагони МТМУ тавассути дуруст ба роҳ мондани кори ТҶ маводи арзишманде ба ҳисоб меравад.

Маводи таҳқиқот барои омӯзгорон, мутахассисони соҳаи педагогикаву психология, донишҷӯёни донишгоҳу коллеҷҳои омӯзгорӣ муфид буда, метавонад дар донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва амсоли инҳо истифода шавад.

Автореферати рисолаи илмӣ бо забони илмӣ ва мувофиқи талаботи муайянгардида навишта шуда, дар баъзе ҷойҳо хатоҳои услубӣ ба назар мерасад. Барои мисол дар саҳифаҳои 3 ва 13-и гунаҳои тоҷикӣ ва русии автореферат ба ҷойи “Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солона ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” чунин омадааст: “Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солона ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”.

Қобили қайд аст, ки эроди ироашуда арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намекунад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Абдуллоҷони Ҳамрохон дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021) пешниҳод шудааст, ҷавобгӯйи талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистогн буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақриздиҳанда,
доктори илмҳои педагогӣ,
саркотиби илмии Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон Каримзода Мирзо Бадал

*"Имзои Каримзода М.Б.-ро тасдиқ мекунам".*

*Нозири кадрҳои Академияи*
*таҳсилоти Тоҷикистон* *М. Саидова*

ШУЪБАИ КАДРҲО / ОТДЕЛ КАДРОВ

12.02.2025